*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи «Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – молия, муомилоти пул ва қарз**

Дар низоми имрӯзаи иқтисодиёти рақамӣ, барои таъминоти мувозинати соҳаҳои иқтисодиёт ташкили усулҳои муосири пардохти миллӣ зарур мебошанд. Тавассути низоми пардохти миллӣ устувории фаъолияти молиявии субъектони хоҷагидорӣ таъмин гардида, гардиши саривақтии амалиётҳои пулӣ дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт таъмин карда мешавад.

Ҳамин тавр, гардиши массаи пул дар соҳаҳои иқтисодиёт аҳамияти хоса дорад ва нокифоягиву номувозинатии он метавонад ба ташаккулёбии бӯҳронҳои молиявию иқтисодӣ ва монанди инҳо гардад. Ташкили таъминоти гардиши пулӣ ва саривақтии пардохтҳо дар иқтисодиёт маҳз тавассути низоми пардохти мукаммал ва идорашаванда амалӣ мегардад. Таъсири манфии сари вақт иҷро нагардидани пардохтҳо дар фаъолияти ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ, аз он ҷумла давлат дар раванди ташаккули буҷети давлатӣ мушоҳида мегардад. Масъалаи идоракунии ҳаҷми массаи пулӣ ва пардохти миллӣ дар иқтисодиёт ва зарурати он дар доираи консепсияҳои мухталифи иқтисодӣ таҳқиқ шудааанд, ки рисолаи мазкур ба пайгирии чунин самтҳои муҳим равона гардидааст. Дар рисолаи мазкур масъалаҳои асосии ташкил ва идоракунии пардохти миллӣ ва таъминоти мувозинати молиявӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта дар қисми хулосавии автореферат оид ба тақвият додани низоми пардохти миллӣ пешниҳодот оварда шудаанд.

Аз ин нуқтаи назар, мавзуи таҳқиқнамудаи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович оид ба «Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити

рақамикунонии иқтисодиёт» аз нигоҳи низоми молия дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам буда, натиҷаҳои он барои беҳтар намудани объекти таҳқиқотии муаллиф заминаи рушд мегузоранд.

Мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи муаллиф зимни гузаронидани таҳқиқот комилан хулосабардорӣ гардида, натиҷаҳои ҳосилгардида оид ба беҳтар намудани низоми пардохти миллӣ илман исбот гардидаанд.

Дар радифи афзалиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо мавҷуд мебошанд. Ба монандӣ:

1. Дар саҳифаи 16-уми автореферат, маълумотҳои ҷадвали 1возеҳ таҳлил нагардидаанд.

2. Дар матни автореферат камбудиҳои услубӣ ва имлоӣ ҷой доранд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, натиҷаи иҷроиши кори таҳқиқотиро манфӣ арзёбӣ намекунанд.

Умуман мавзуи илмии унвонҷӯ Ҳалимов И.М., оид ба самти «**Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт»** ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба навиштани корҳои илмӣ-таҳқиқоти комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи рисола сазовори унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – молия, муомилоти пул ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, и/в дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг З.С. Содиқзода

Имзои З.С. Содиқзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ф.А. Амиров

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон